# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» иттилоъ медиҳад, ки санаи **27 майи соли 2021, соати 10:00** бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон конфренсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони **«Китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: вазъ ва тамоюли рушд»** баргузор менамояд.

**Дар конфренсия мавзӯҳои зерин баррасӣ мегарданд:**

- татбиқи равандҳои инноватсионии китобдорӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ;
- вазъи заминаи моддӣ-техникӣ ва технологии китобхонаҳои Тоҷикистон;
- сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаи китобдорӣ: вазъият ва дурнамо;
- раванди такмили фонди китобхонаҳо дар даврони истиқлолият;
- вазъи равобити байналмилалии китобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Талабот нисбат ба пешниҳоди маърӯзаҳо дар шакли мақола**

Матнҳо бояд таҳрир шуда, ба талаботи техникии зерин ҷавобгӯй бошанд:

- саҳифаи А4, ҳошияҳо аз тарафи рост 1,5 см, аз тарафи чап 3 см, боло ва поён 2 см;
- ҳуруфи шакли Times New Roman, Times New Roman Tj бо андозаи 14;
- сатри якум – ҳарфи аввали ном ва номи падар, насаби муаллиф, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ҷойи кор (таҳсил), дар қавс шаҳр, вилоят, суроға, E-mail баробаркунии матн аз тарафи рост;
- сатри дувум – номи маърӯза БО ҲАРФҲОИ КАЛОН бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри севум – матни асосӣ, ки дар таҳриргарӣ матнии MS Word ҳуруфчинӣ шудааст, фосилаи байнисатрӣ 1,5, баробаркунии матн бо паҳноии саҳифа, истифодаи ҳиҷобандии калимаҳои мумкин аст;
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври [5, 36] омода карда мешавад;
- ҳаҷми матни маърӯза бо расм, ҷадвал ва рӯйхати адабиёт набояд аз 10 саҳифа зиёд бошад;

- **ширкаткунандагони кофренсия метавонанд, матни маърӯзаҳоро то 13 майи соли 2021 ба суроғаи кумитаи тадорукот** Firdavs_2300@mail.ru **пешниҳод намоянд**.

Кумитаи тадорукоти конфренсия ҳуқуқи таҳрири техникии матнро дошта, мақолаҳоеро, ки ба мавзӯъ мувофиқ нестанд ва ё бе риояи талаботи техникӣ пешниҳод гардидаанд, ба муаллифон бармегардонад. Маводе, ки барои ислоҳ ва мукаммалгардонӣ ба муаллифон баргардонида шудаанд, **бояд то санаи 13 майи соли 2021** ба Кумитаи тадорукот ирсол карда шаванд.

- маводи пешниҳодшуда дар шакли китоб ба нашр расонида мешаванд.

Дар ташкилу баргузории конфренсия муассисаҳои илмӣ, китобхонаҳои донишгоҳҳо, донишкадаҳо, шуъбаву бахшҳои фарҳангии шаҳру навоҳии кишвар метавонанд иштирок намоянд.

Роҳкиро ва маблағи манзили иштироккунандагони конфренсияро муассисаи фиристанда пардохт мекунад.

Забони конференсия: тоҷикӣ ва русӣ.

Кумитаи тадорукот ва телефон барои маълумот
Тел.: (37) 221-06-33, +992-93-999-99-33,
Почтаи электронӣ: Firdavs_2300@mail.ru